# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Тарғиби мавзеъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии ҳар як кишвар натанҳо бо мақсади муаррифӣ ва ҷалби сайёҳон, балки баррасии омилҳои рушди минбаъдаи ин соҳаҳо ва манфиати иқтисодии онҳо ба амал бароварда мешавад.

Дар фазои иттилоотӣ таъсис ёфтани воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ, ки масъалаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумиро инъикос менамоянд, маҳз бо ҳамин ҳадаф сурат мегирад.

Тоҷикистон бо имкониятҳои васеи сайёҳӣ ба рушди тревел-журналистика ниёз дорад, чунки иттилоотонидани аҳолии кишвар ва берун аз он метавонад ба вусъат ёфтани соҳаи сайёҳӣ боис гардад.

Мавриди зикр аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон имконоти соҳаи сайёҳӣ ва ҳамзамон эҳёи ҳунарҳои мардумӣ бештар гардида, ҳамчун мавзуи журналистӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Маҳз дар мисоли матбуоти даврии маҳаллӣ таҳқиқ гардидани масъалаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ боиси дастгирӣ буда, ба ташаккули журналистикаи сайёҳии тоҷик мусоидат менамояд.

Матбуот, чун анъана, барои пешниҳоди иттилоот дар бораи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ имконияти бештар дорад. Ин муносибат, аз як ҷониб, нақши муҳим доштани нашрияҳоро дар бозтоби мавзуъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар минтақа муайян намояд, аз ҷониби дигар, зарурат ва имконоти таҳқиқи илмии мавзуи баррасишавандаро асоснок мегардонад.

Мавзуи таҳқиқии мазкур ба самти журналистика ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ **мувофиқат мекунад.**

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи баррасии ин мавзуъ дар матбуоти даврии маҳаллӣ – рӯзномаи "Хатлон" ва маҷаллаи "Сафо", пеш аз ҳама, ба омӯзиши инъикоси сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии вилояти Хатлон, сатҳи дастрасӣ ба иттилоот доир ба ин мавзуъ, шинос намудани мухотабон бо ҷойҳои таърихӣ, фарҳангӣ, зиёратӣ, касбу ҳунарҳои мардуми ин минтақа равшанӣ меандозад.

Мавзуи матраҳшаванда дар он ифода меёбад, ки соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон яке аз соҳаҳои рушдкунанда ва самарабахш ба шумор рафта, тавсеаи он ба иқтисодиёти миллӣ низ таъсиргузор мебошад.

Дар диссертатсия бозтоби мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, танзими ҳуқуқии рушди ин соҳаҳо, вижагиҳои жанрии матлабҳои нашрияҳои "Хатлон" ва "Сафо" ба риштаи таҳқиқи журналистӣ кашида шудаанд. Бинобар ин, интихоб ва пажӯҳиши мавзуи мазкур мувофиқи мақсад ва **мубрам** ба ҳисоб меравад.

Дар раванди омӯзиши мавзуъ ба афкори назариявии олимони соҳаи журналистикаи хориҷӣ, аз ҷумла Искандарӣ Насрулло Теймур, Кун Лин, Абдулвоҳид Эссам Абдуллоҳ Маҳмуд, А.А. Ревенко, Чан Ван Ле ва К.А. Кузина ва муҳаққиқони ватанӣ Д. Сангинов, А. Абдалимов, М. Қодирова, Р.Д. Диловаров, Ҷ.Н. Ёров, Н.Н. Сайфуллоев, Д.С. Амонова, Н.Қ. Наимзода, М.А. Азимова, М.Н. Абдуллоева ва дигарон, ки ба мавзуъ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, такя шудааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он аст, ки дар илми журналистикаи тоҷик таҳқиқи нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба таври густурда қарор нагирифтааст. Аз ҷониби диссертант масъалаҳои касбият ва усули инъикоси марбут ба сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии мавзеъҳои

сайёҳии вилояти Хатлон дар нашрияҳои «Хатлон»-у «Сафо» бо дарназардошти мазмуну мундариҷа ва сохтори жанрӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мегардад, ки барои омӯзиши мавзуъ аз манобеи илмӣ, назария ва амалияи журналистии муҳаққиқон, журналистони касбӣ, консепсияҳои илмии олимони хориҷии соҳаи журналистика ва сайёҳӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

**Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии** таҳқиқ дар он зоҳир мешагардад, ки барои ташаккули журналистикаи соҳавӣ, бахусус журналистикаи сайёҳӣ (тревел-журналистика), журналистикаи экологӣ (экожурналистика), журналистикаи иқтисодӣ, журналистика ва фарҳанги миллӣ мусоидат намуда, дар дарки касбӣ ва дуруст инъикос намудани мавзуи сайёҳӣ, роҳҳои тарғиби мавзеъҳои табиати нодир, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, зиёратӣ, истироҳативу табобатӣ ва дигар анвои сайёҳӣ, инчунин ҳунарҳои мардумӣ дар вилояти Хатлон замина мегузорад.

Бозёфтҳои илмии бадастомадаро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни курсҳои махсус оид ба журналистикаи сайёҳӣ, журналистикаи экологӣ, журналистика ва фарҳанги миллӣ барои донишҷӯёну магистрантони факултету шуъбаҳои журналистика ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, реклама ва PR, ширкатҳои сайёҳӣ ва дар фаъолияти касбии воситаҳои ахбори омма истифода бурд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида**

нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар навбати худ, вобаста ба фарогирии мавзуъ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз фаслҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ карда шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми журналистикаи тоҷик ва дар самти таҳқиқи мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар матбуоти даврии маҳаллии Хатлон аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия **«Масъалаҳои соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон дошта, дар он такя ба манобеъ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ заминаҳои ба тасвиб расидан ва амалишавии онҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таҳлил шуда, мавқеи матбуоти маҳаллӣ дар ин самт муайян гардидааст. Фасли аввали ин боб **«Баррасии соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Паёмҳои солона ва Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия бо номи **«Таъмини шароит, амнияти сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф ба масъалаҳои тарғиби щароити сайёҳӣ дар минтақа, таъмини бехатарии сайёҳон таваҷҷуҳ карда, дар бораи имиҷи Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, саҳми матбуоти даврӣ ва ҷомонаву шабакаҳои ичтимоиро дар инъикоси ин мавзуъҳо равшанӣ андохтааст.

Фасли сеюми боб **«Инъикоси татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба сайёҳӣ дар матбуоти даврии маҳаллии вилояти Хатлон»** ном дошта, дар он нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар маърифати ҳуқуқӣ, таҳрики афкори омма барои ҳифзи манофеи миллӣ, муҳити зист, ҳифзи табиат, арҷ гузоштан ба таърихи минтақа таҳқиқ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Бозтоби масоили сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар матбуоти даврии вилояти Хатлон»** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Агар дар фасли якум баррасии сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар нашрияи «Хатлон» мушоҳида шавад, дар фасли дуюми ин боб вижагиҳои инъикоси мавзеъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии вилояти Хатлон дар маҷаллаи «Сафо» ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Диссертант дар боби сеюми диссертатсия - **«Вижагиҳои жанрии маводи матбуоти даврии маҳаллӣ оид ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»,** ки аз се фасл иборат аст, маводро аз рӯйи жанрҳои хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ тасниф намуда, тавассути ҷадвалҳо муқоиса кардааст. Муаллиф ба хулоса омадааст, ки барои инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар матбуоти маҳаллии вилояти Хатлон ҳамаи жанрҳои публитсистӣ истифода шуда, корбурди силсилааксҳо ва услуби хоси муаллифон мушоҳида мегардад.

**Хулосаи диссертатсияи** Расулзода Комрон Бахтиёр фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд ҷамъбаст шудаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо, дар таҳияи диссертатсия услуби илмӣ истифода шуда бошад ҳам, таҳлили мавод публитсистӣ сурат гирифтааст.

2. Дар боби дуюми диссертатсия, ки ба таҳқиқи вижагиҳои инъикоси мавзеъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии Хатлон бахшида шудааст, таҳияи зербоби алоҳида доир ба сомона ва шабакаҳои иҷтимоии ин нашрияҳо ба манфиат хоҳад буд.

3. Агар муаллифи диссертатсия инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии Хатлонро дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ пайгирӣ мекард, беҳтар мебуд.

4. Зимни таҳқиқи маводи маҷаллаи “Сафо” гурӯҳбандии муаллифонро ба инобат гирифтан таҳқиқро пурратар менамуд.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Расулзода Комрон Бахтиёр манфиатбахш аст. Гуфтан мумкин аст, диссертант вазифаҳои дар пешаш гузошташударо бомуваффақият иҷро кардааст.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, мухтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 –

Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илми филология, котиби илмии
Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ
ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Абдуллоева М.Н.

«30» январи соли 2025
Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Пайрав Сулаймонӣ хонаи 88
Тел.: (+992) 938-08-09-95
E-mail: abdulloieva71@mail.ru

Имзои Абдуллоева Машҳура Нематовнаро тасдиқ мекунам:
сармутахассиси шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ
ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Қурбонов Э.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 918-81-42-40
E-mail: zitpiutet@mail.ru
«30» январи соли 2025.